ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи «Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника пешниҳод гардидааст.

Растаниҳои шаҳддор дар байни гуногунии биологии олами наботот, аҳамияти калон доранд ва манбаи ғизои занбӯри асал ба шумор мераванд. Ин гурӯҳи растаниҳо манбаи асосии ба даст овардани маҳсулоти соҳаи занбӯриасалпарварӣ буда, дар самтҳои гуногуни хоҷагии халқ васеъ истифода мешаванд. Растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб гурӯҳи растаниҳои пӯшидатухмро ташкил мекунанд, ки аз онҳо занбӯри асал шаҳд ва гарди гулро ҷамъоварӣ мекунад. Дар табиат байни занбӯри асал ва растаниҳои шаҳддиҳанда робитаи қавӣ вуҷуд дорад. Мутаассифона дар айни ҳол, маълумоти аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда оид ба паҳншавӣ ва захираи растаниҳои шаҳддор аз рӯйи ноҳияҳо дар алоҳидагӣ, ки алоқамандии онҳо бо ҷамоаи растаниҳо нишон медиҳад, вуҷуд надорад. Бо мақсади баҳодиҳӣ, муайян кардани ҳолати табиии захираи растаниҳои шаҳддиҳандаи минтақа, ҳарчӣ зудтар муқаррар намудани тартиботи истифодаи оқилона ва ба амал овардани тадбирҳо оид ба муҳофизат ва самаранок истифода бурдани онҳоро талаб мекунад.

Унвончӯй омӯзиши ҳамаҷонибаи паҳншавии растаниҳои шаҳддиҳандаи худрӯй ва киштшавандаи минтақаи Кӯлобро мавриди омӯзиш қарор додааст, ки онҳо татбиқи худро дар соҳаи кишоварзии минтақа ва корҳои илмӣ ҳамчун мавод истифода бурдааст. Инчунин омилҳои экологӣ ва мавқеи географии минтақа ба популятсияҳои растаниҳои шаҳддиҳандаро мавриди таҳлил қарор додааст. Натиҷаҳои бадастовардаи унвончӯй оид ба маҳсулоти шаҳди ва гардии намудҳои алоҳида бо мақсади истифода дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ аҳаммияти амалӣ дорад.

Ҳамчунин унвончӯй дар кори илмии худ қайд мекунад, ки маҳсулнокии растаниҳои шаҳддиҳанда аз мавҷудияти ҳолати шаҳд ва гарди гул, ки занбӯри асал аз онҳо ҷамъоварӣ мекунанд, вобастагӣ дорад.

Дар маҷмуъ бояд зикр кард, ки унвончӯй дар рафти иҷрои кори илмии худ усулҳои муосири соҳавии умумиқабулшударо истифода намудааст ва сохтори автореферат, тартиби баёни мақсад ва вазифаҳои гузошташуда, таҳлилу хулосаҳо нишони пурра иҷро гардидани мақсадҳои гузошташуда буда, далели кори илмии анҷомёфта мебошад. Инчунин унвончӯй тибқи мавзуи рисолаи худ 12 маводи илмӣ аз нашр баровардааст, ки 3 мақолаи он дар маҷаллаҳое, ки ба рӯйхати нашрияҳои илмӣ, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, шомил мебошад. Ҳамаи натиҷаҳои кори илмӣ тариқи баромадҳо дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ гузаронида шудаанд.

Бандҳои автореферати рисолаи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи «Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо» ба талаботи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда», бандҳои 31,32,33, таҳти № 267 аз 30 июни соли 2021 пурра мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника лоиқ мебошад.

Доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Шарипов А.

Имзои профессор Шарипов А – ро тасдиқ мекунам:
Сардори шубаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш.Шоҳтемур Қурбонзода Аваз Хол
04.08.2026 с